# 153136 - Ҳукми хӯрдани гӯшти харгӯш

**савол**

Ҳукми хӯрдани гӯшти харгӯш чист? Оё он ҳаром аст, ё ҳалол?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Харгӯш яке аз ҳайвонотест, ки хӯрдани он ҷоиз мебошад. Зеро Бухорӣ (5535) ва Муслим (1953) аз Анас ибни Молик (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки ӯ харгӯшеро шикор намуда, онро ба назди Абуталҳа овард. Абуталҳа онро забҳ карда, қисмати болоии рон ва ҳарду ронашро ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фиристод. Ман онро ба назди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) овардам ва ӯ онро қабул кард.

Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Хӯрдани харгӯш дар назди Молик, Абуҳанифа, Шофеӣ, Аҳмад ва тамоми донишмандон ҳалол аст, ба ҷуз ин ки аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ва Ибни Абулайло нақл шудааст, ки ҳар дуи онҳо хӯрдани харгӯшро бад дидаанд. Ин ҳадис ва ҳадисҳои ба ин монанд далели ҷумҳур мебошад. Ва ҳеҷ далеле дар манъи он собит нашудааст".   Поёни сухан аз китоби "Шарҳи Муслим"-и Нававӣ.

Дар "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳия" (5/134) омадааст:

Хӯрдани гӯшти харгӯш дар назди аксари донишмандон ҳалол аст. Аз Анас ҳадиси саҳеҳе собит шудааст, ки гуфт: ... Ҳадиси собиқро зикр намуданд ... Ва инчунин аз Муҳаммад ибни Сафвон (ё Сафвон ибни Муҳаммад) ривоят шудааст, ки гуфт: "Ду харгӯшеро шикор намуда, дар Марва онҳоро забҳ кардам. Сипас (ҳукми онро) аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пурсидам ва ӯ маро ба хӯрдани онҳо амр намуд". Илова бар ин, харгӯш ҳайвони покиза аст ва дорои дандонҳое, ки ба воситаи он шикор намояд, нест. Ва ягон далеле бар ҳаром будани он ворид нашудааст. .. Саъд ибни Абуваққос (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) гӯшти харгӯшро хӯрдааст. Абусаиди Худрӣ, Ато, Ибни Мусайииб, Лайс, Абусавр ва Ибни Мунзир ба

хӯрдани он иҷозат додаанд. Поёни сухан.

Барои маълумоти бештар, лутфан ба ҷавоби саволи рақами (10498) нигаред.

Аллоҳ донотар аст.